Замимаи 1
Бо Фармоиши Директори Агентии
суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа №84
аз «_17_» ноябри соли 2017
тасдиқ карда шудааст.
Ҷ.М.

# ҚОИДАҲОИ
# ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР ДАР СОҲАИ СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ ВА НАФАҚА

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Қоидаҳои гузаронидани санҷиш оид ба риояи қонунгузории соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор (минбаъд Қоидаҳои гузаронидани санҷишҳо) дар асоси қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ва банди 9 Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №265 «Дар бораи қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» тасдиқ гардидааст, таҳия гардида, тартиби гузаронидани санҷишҳо дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро оид ба риояи қонунгузории соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар ташкилоту муассисаҳои новобаста аз шакли моликият ва навъи хоҷагидориашон, инчунин дар дигар субъектҳое, ки маблағҳои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа равона карда мешаванд, аз ҷониби масъулини соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа муайян менамояд.

2.Санҷиши фаъолияти субъектҳои санҷишӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №265 «Дар бораи қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», Қоидаҳои мазкур ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

3.Вайрон намудани Қоидаҳои гузаронидани санҷиш дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва субъектҳое, ки аз ҳисоби буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа маблағгузорӣ карда мешаванд, аз ҷониби масъулини соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, №265 «Дар бораи қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ва тартиби мазкур муқаррар шудаанд, асос барои беэътибор дониста шудани натиҷаи санҷиш мебошад.

4.Санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва субъектҳое, ки аз ҳисоби буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа маблағгузорӣ карда мешаванд, аз ҷониби масъулини соҳа бо мақсади таъмини иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор ва субъектҳое, ки аз ҳисоби буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа маблағгузорӣ карда мешаванд, дар раванди амалӣ намудани фаъолияти худ гузаронида мешавад.

5.Мақсади асосии гузаронидани санҷишу таҳлилҳо, ин пешгирии ҳолатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 838
«29» 06 с.2018

суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, додани машваратҳо оид ба талаботе, ки нисбати фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ҷиҳати дар оянда коҳиш додани таваккалҳо дар натиҷаи фаъолияти онҳо ва кам намудани шумораи ҳуқуқвайронкунӣ мебошад.

6.Санҷишу таҳлилҳо оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, танҳо дар асоси Фармоиши дахлдори мақомоти санҷишкунанда, ки мувофиқи банди 2 моддаи 121[1] Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи баррасӣ ва таъин намудани ҷазои маъмуриро дар соҳаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва нафақа доранд, яъне Директори Агентӣ, сардорони раёсатҳои Агентӣ дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва сардори Раёсати Агентӣ дар шаҳри Душанбе гузаронида мешавад.

## БОБИ 2. ВАКОЛАТҲОИ АГЕНТИИ СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ ВА НФАҚАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

7.Бо мақсади амалӣ намудани ваколатҳои худ дар соҳаи муқаррар гардидаи фаъолият, Агентӣ ҳуқуқ дорад:

-тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, оид ба масъалаҳои ба салоҳияти Агентӣ вобастабуда, мавриди санҷиш қарор диҳад;

-аз шахсони мансабдори суғуртакунандагон ва соҳибкорони инфиродӣ рафъи вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи пардохти саҳмҳои суғуртавӣ хароҷоти ин маблағҳо ҷиҳати пардохти нафақа, андӯхти нафақавӣ, кӯмакпулиҳо ва ташкили солимгардонӣ талаб намояд;

-даъво пешниҳод намояд ва дигар тадбирҳои ҳуқуқӣ андешад;

-аз дигар мақомоти давлатӣ (ба таври ройгон) маълумотро барои ҳалли масъалаҳои ба салоҳияти Агентӣ вобастабуда, дархост ва талаб намояд;

-оид ба санадҳои вайрон намудаи қонунгузории суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва суғуртаи ҳатмии нафақавӣ, иҷро накардани дастурҳои Агентӣ, ба суд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намояд;

-бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба роҳбароин, шахсони мансабдор ва кормандони масъули суғуртакунандагон муҷозотро истифода барад;

-тадбирҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки хусусияти маҳдудкунанда ва пешгирикунанда дошта, ба роҳ надодан ё бартараф намудани вайронкунии талаботи ҳатмӣ дар соҳаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва ҳатмии нафақавӣ, инчунин бартараф намудани оқибатҳои дар боло зикрёфта равона шудаанд, андешад.

## БОБИ 3. ВАКОЛАТҲОИ ШАХСОНИ МАНСАБДОРИ АГЕНТИИ СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ ВА НАФАҚА, КИ БАРОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШҲО МАСЪУЛ МЕБОШАНД

8.Ваколатҳои шахсони мансабдори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки барои гузаронидани санҷишҳо масъул мебошанд, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти мақомоти санҷиширо ба танзим медароранд, муқаррар шудаанд.

9.Шахсони мансабдори Агентӣ, ки барои гузаронидани санҷиш масъул мебошанд, ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор уҳдадоранд:

-санҷишро танҳо дар асоси Фармоиши роҳбар, ки дар банди 2 моддаи 121[1] Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонпешбини гардидааст, гузаронанд;

-дар дафтари бақайдгирии санҷишҳои субъекти хоҷагидори санҷишӣ қайдҳо гузаронад;

-ба субъекти хоҷагидор мавзӯъ ва моҳияти вайронкуниҳо ва камбудиҳои ошкоргардидаи соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаро фаҳмонад ва оид ба бартараф намудани онҳо чораандешӣ намояд;

-асоснокии амалҳои худро ҳангоми шикояти субъектҳои хоҷагидор тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот намояд.

10. Шахсони мансабдори Агентӣ, ки барои гузаронидани санҷиш масъул мебошанд, ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ҳуқуқ доранд:

-ҷиҳати амалӣ намудани ваколат ва вазифаҳои худ аз субъекти хоҷагидор маълумоти заруриро дархост намоянд (дар ҳолати зарурӣ бевосита бо нусхаи аслии маълумот шинос шаванд), ҳамчунин вобаста ба зарурати корӣ, иқтибос гиранд ва ҳуҷҷатҳоро нусхабардорӣ кунанд;

-тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар бораи қоидавайронкуниҳо санад ва протоколҳо тартиб диҳад, агар азназаргузаронӣ бо санҷиш алоқаманд бошад, бино, таҷҳизот, дигар молу мулкро аз назар гузаронад, ҳамчунин агар санҷиш бо риояи талаботи технологӣ алоқаманд бошад, аз раванди технологӣ дидан намоянд.

11. Шахсони мансабдори Агентӣ, ки барои гузаронидани санҷиш масъул мебошанд, ҳангоми гузаронидани санҷиш принсипҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои дар Кодекси одоби шахсони мансабдори мақомотҳои санҷишӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2016, №421 тасдиқ гардидааст, пешбинишударо қатъиян риоя намоянд.

## БОБИ 4. ТАРТИБИ БАНАҚШАГИРӢ ВА ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШҲО

12.Тартиби гузаронидани санҷишҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва Қоидаҳои мазкур муқаррар мегардад.

13.Санҷишҳои Агентӣ тибқи нақшаи тасдиқшудаи солонаи гузаронидани санҷишҳо, амалӣ карда мешавад. Нақшаи солонаи санҷишҳо то 1 ноябри соли ҷорӣ барои соли оянда таҳия гардида, дар мувофиқа бо Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ тасдиқ карда мешавад ва пас аз тасдиқ дар сомонаи расмии худ, инчунин тариқи воситаи ахбори омма барои шиносоии субъектҳои хоҷагидор ҷойгир карда мешавад.

14.Нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳои нақшавии Агентӣ дар асоси даврияти гузаронидани санҷишҳо, ки барои ҳар як гурӯҳи таваккал, бо назардошти дараҷаи таваккали ҳар як субъекти хоҷагидор муқаррар мегардад, таҳия карда мешавад. Меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккал тибқи Қоидаҳои муайян намудани меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали фаъолияти субъекти хоҷагидор, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2017, №213 тасдиқ шудааст, муайян карда мешавад.

15.Нақшаи солонаи санҷишҳои Агентӣ, ҳар нимсола вобаста ба тағйир ёфтани дараҷаи таваккал тағйирот ворид карда мешавад ва тағйироти мазкур бо Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ мувофиқа гардида, аз ҷониби роҳбари аввали Агентӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон тағйиротҳои вориднамуда дар сомонаи расмии худ, инчунин тариқи воситаи ахбори омма барои шиносоии субъектҳои хоҷагидор ҷойгир карда мешавад.

16.Назорати иҷрои нақшаи гузаронидани санҷишҳо аз ҷониби роҳбари аввали мақомоти санҷишӣ амалӣ карда мешавад.

17. Шахсони мансабдори Агентӣ, ки барои гузаронидани санҷиш масъул мебошанд, ба субъекти хоҷагидори навтаъсис, ба истисноӣ субъектҳои хоҷагидоре, ки дараҷаи таваккалашон баланд мебошад, дар ду соли аввали фаъолияти онҳо танҳо барои расонидани ёрии методӣ ва додани машварат оид ба санҷиш ташриф меоранд.

18. Шикояти субъекти хоҷагидор оид ба натиҷаи санҷиш бояд моҳияти масъалаҳои шикоят ва талаб намудани гузаронидани санҷиши иловагиро пешбинӣ намояд. Инчунин, Фармоиши роҳбарияти Агентӣ дар бораи гузаронидани санҷиши иловагӣ, ки ба муроҷиати субъекти хоҷагидор асос ёфтааст, бояд дар давоми 3 рӯзи корӣ аз лаҳзаи ворид шудани муроҷиат қабул карда шавад. Фармоиш дар бораи гузаронидани санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор аз ҷониби роҳбари мақомоти санҷишӣ, ки мувофиқи банди 2 моддаи $121^1$ Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи баррасӣ ва таъин намудани ҷазои маъмуриро дар соҳаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва нафақа доранд, яъне Директори Агентӣ, сардорони раёсати Агентӣ дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва сардори Раёсати Агентӣ дар шаҳри Душанбе, қабул ва ба имзо расонида мешавад.

19. Ҳангоми ба имзо расидани Фармоиш дар бораи гузаронидани санҷиш, роҳбари мақомоти санҷишӣ бояд ба инобат гирад, ки шахси мансабдори барои гузаронидани санҷиш таъингардида бо роҳбарияти субъекти хоҷагидор ва ё намояндаи он робитаҳои хешутаборӣ надошта бошад ва дигар ҳолатҳое, ки метавонанд бевосита ё бавосита ба манфиатдории натиҷаи санҷиш сабаб шаванд, ҷой надоранд.

20.Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматии шахси мансабдори мақомоти санҷишӣ ба шиноскунии ҳатмии субъекти хоҷагидор бо Фармоиши баимзорасида оид ба гузаронидани санҷиш ва ворид намудани қайдҳо дар борои санҷиш ба дафтари бақайдгирии санҷишҳо оғоз меёбад. Ҳамчунин санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор барои даврае гузаронида мешавад, ки дар Фармоиш ва огоҳинома оид ба гузаронидани санҷиш нишон дода шудааст ва қатъиян тибқи номгӯи масъалаҳои назоратӣ нисбати мавзӯи санҷиши нақшавӣ истифодашаванда, гузаронида мешавад. Баромадан аз доираи номгӯи масъалаҳои назоратӣ ҳангоми гузаронидани санҷиши нақшавӣ манъ аст.

21.Санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор дар маҳалли бақайдгирии давлатӣ ё дар маҳалли фаъолияти субъекти хоҷагидор бо иштироки намояндагони ваколатдори он дар объекти гузаронидани санҷиш дар вақти барои оғози санҷиш таъиншуда гузаронида мешавад.

22.Ҳангоми гузаронидани санҷиш, субъекти хоҷагидор тамоми ҳуҷҷатҳои дархостнамудаи мақомоти санҷиширо марбут ба мавзӯи санҷиш ва мутобиқи номгӯи масъалаҳои назоратӣ пешниҳод менамояд. Дар анҷоми санҷиш, сарфи назар аз натиҷаҳои он, шахси мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки барои гузаронидани санҷиш масъул мебошад, бояд санади санҷишро мутобиқи талаботҳои Қоидаҳои мазкур, дар шакли тасдиқнамудаи Агентӣ на камтар аз 2 (ду) нусха тартиб диҳад. Санади тартибдодашуда аз ҷониби шахси мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки санҷишро гузаронидааст, имзо карда шуда, як нусхаи санад дар мақоми санҷишӣ мемонад, нусхаи дуюми он ба субъекти хоҷагидор супорида мешавад. Дар дигар ҳолатҳо тибқи дархости расмӣ нусхаи санади тартибдодашуда ба мақомоти дархосткарда пешниҳод карда мешавад.

23. Дар ҳолати ошкор намудани ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар фаъолияти субъекти хоҷагидор, Протокол оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа тартиб дода мешавад ё дар ҳолати ҷой доштани ҷиноятҳои иқтисодӣ, нусхаи санади мазкур ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои қабули қарори дахлдор равон карда мешавад. Инчунин, оид ба натиҷаҳои санҷиш, ки дар қарор барои натиҷаҳои санҷиш инъикос ёфтаанд, субъекти хоҷагидор тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қоидаҳои мазкур ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ шикоят намояд.

24. Аз рӯи натиҷаҳои санҷиш пас аз гузаштани мӯҳлати шикоят, дар ҳолати мавҷудияти ҳуқуқвайронкуниҳои муайяншуда дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар фаъолияти субъекти хоҷагидор, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои маъмурӣ меандешад ё маводро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷрочиёни суд пешниҳод менамояд.

25.Масъалаҳои санҷишии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд, инҳо мебошанд:

-таҳлили пурраи мавҷудияти ҳисоботҳо оид ба саҳмҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, муқоисакунии онҳо бо маълумотномаи пешниҳоднамудаи Маркази минтақавии баҳисобгирии инфиродӣ;

-гузаронидани таҳлил оид ба саҳмҳои суғуртаи иҷтимоии пардохтшаванда ва пардохтшуда;

-таҳлили ҳамаҷонибаи дурустии ҳисоб ва пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоие, ки аз ҳисоби маблағҳои андози иҷтимоӣ дар ташкилоту муассисаҳо дар давраи мавриди санҷиш қарор гирифта, хароҷот карда шудаанд;

-муайян намудани шумораи умумии кормандон ва таъминшавии онҳо бо Рақами мушаххаси суғуртавӣ (РМС);

-гузаронидани муқоисаи ҳисоботҳои ба Агентӣ пешниҳодгардида бо ҳисоботҳои ба мақомоти андоз ва мақомоти омор пешниҳодшуда;

-дигар ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳое, ки ба пардохти музди меҳнат, иловапулиҳо ва пардохтҳое, ки ҳамчун музди меҳнат ва даромад пардохт карда шудаанд, кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ва ҳисоботҳои молиявии ба ин самтҳо алоқамандидошта;

-санҷиши маҷмӯии ҳуҷҷатгузорӣ ва мутобиқат ба талаботи қонунгузории ҷумҳурӣ дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар дигар ташкилоту муассисаҳо, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа сарчашма мегиранд.

## БОБИ 5. УСЛУБИ ТАРТИБДИҲИИ САНАДИ САНҶИШӢ

26. Санади санҷиш тибқи шакле, ки дар замимаи Қоидаҳои мазкур омадааст, тартиб дода шуда, аз ҷониби шахси мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки санҷишро гузаронидааст ва шахсони масъули субъекти хоҷагидор ба имзо расонида мешавад.

27. Санади санҷиш бояд дорои ифодаи муназзами далелҳои бо ҳуҷҷат тасдиқшудаи ҳуқуқвайронкунӣ бошад, ки дар рафти санҷиш ошкор гардидаанд, ё ин ки мавҷуд набудани чунин вайронкуниҳоро ифода созад.

28. Дар санади санҷишӣ маълумотҳои зерин инъикос мегарданд;

-маҳалли гузаронидани санҷиш ва санаи тартиб додани санад;

-номи субъекти хоҷагидор ва суроғаи ҳуқуқии ҷойгиршавии он;

-мавзӯъ ва намуди санҷиш;

-асос барои гузаронидани санҷиш, ному насаби шахсони мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки санҷишро гузаронидаанд;

-даврае, ки мавриди санҷиш қарор гирифта мешавад;

-номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки мавриди санҷиш қарор мегиранд;

-даврае, ки санҷиши қаблии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа гузаронида шудааст, санҷиш аз ҷониби кадом шахси мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа гузаронида шудааст ва бартарафшавии камбудиҳои қаблан муайяншуда;

-рақами мушаххаси андозсупоранда;

-таҳлилҳои гузаронидашуда;

-хулоса, дастур, тавсия ва пешниҳод аз натиҷаи санҷиш;

29.Санади санҷишӣ бояд бо забони давлатӣ тартиб дода шуда, дорои рақами тартибӣ бошад. Инчунин дар санади санҷишӣ ифлосиҳо, тозакуниҳо ва дигар ислоҳкуниҳо, ба истиснои ислоҳкуниҳое, ки пешакӣ муайян ва бо имзои шахсони дар санад имзогузошта тасдиқ шудаанд, иҷозат дода намешавад. Ҳангоми дар матни санади санҷиш истифода намудани номгӯйҳои ихтисоршуда ва аббревиатураҳои маъмул дар истифодаи аввали ибораи он пурра ва баъдан номгӯи ихтисоршуда дар қавсайн қайд мегардад.

30.Санади санҷиш бояд аз се қисм иборат бошад: муқаддимавӣ, тавсифӣ ва ҷамъбастӣ.

31. Дар қисми муқаддимавии санади санҷиш маълумоти умумӣ дар бораи санҷиши гузаронидашаванда ва субъекти хоҷагидори санҷишшаванда инъикос мегардад, яъне чунин маълумотҳоро бояд дар бар гирад:

-номи пурра ё мухтасари субъекти хоҷагидори санҷишшаванда-шахси ҳуқуқӣ тибқи ҳуҷҷатҳои муассисӣ ё насаб, ном ва номи падари субъекти ҳоҷагидор – соҳибкори инфиродӣ, инчунин рақами мушаххаси суғуртавӣ ва рақами мушаххаси инфиродии андозсупорандаи субъекти хоҷагидор;

-санаи баимзорасонии санади санҷиш аз ҷониби шахсони мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки санҷишро гузаронидаанд, насаб, ном, номи падар ва мансабҳои онҳо бо қайди номи мақомоти санҷишие, ки онро намояндагӣ мекунанд;

-асос барои гузаронидани санҷиш, (сана ва рақами Фармоиш оид ба гузаронидани санҷиш), давраи санҷишшаванда, сана оғоз ва анҷоми санҷиш, инчунин суроғаи маҳаллии ҷойгиршавии субъекти хоҷагидори санҷишшаванда;

-маълумот дар бораи намудҳои фаъолияти воқеан аз тарафи субъекти хоҷагидор амалишаванда, ки мутобиқ ба номгӯи масъалаҳои назоратӣ буда, аз рӯи онҳо санҷиш гузаронида шудааст;

-маълумот оид ба усули гузаронидани санҷиш (азназаргузаронии ҳуҷҷатҳо, таҷҳизот, гирифтани намудҳо ва таҳлилҳо ва ғайра);

-дигар маълумотҳои зарурӣ, ки ба манбаи андозбандии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва хароҷоти маблағҳои андози иҷтимоӣ алоқамандӣ дорад.

32.Қисми тавсифии санади санҷиш дорои ифодаи муназзами далелҳои бо ҳуҷҷат тасдиқшудаи ҳуқуқвайронкуниҳои дар раванди санҷиш ошкоргардида ё ишора ба мавҷуд набудани чунин ҳуқуқвайронкуниҳо, инчунин ҳолатҳои бо чунин далелҳо алоқаманд мебошад, ки барои қабули қарори дуруст аз рӯи натиҷаҳои санҷиш аҳамият дорад. Таркиби қисми тавсифии санади санҷиш бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

-воқеият ва асоснокӣ, яъне далелҳои дар санад инъикосгардида бояд натиҷаи санҷиш ва таҳқиқи дақиқи гузаронидашуда бошанд, носаҳеҳии далелҳоро истисно намоянд, пуррагии хулосаро оид ба хилофи қонунгузории соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа будани кирдори (амал ё беамалӣ) субъекти хоҷагидорро таъмин намоянд. Оид ба ҳар як далели ҳуқуқвайронкунии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки дар санад инъикос гардидаанд, бояд инҳо қайд карда шаванд:

-намуди ҳуқуқвайронкунӣ, усул ва дигар вазъияти содиршавии он ба даврае, ки чунин вайронкунӣ тааллуқ дорад;

-таснифоти ҳуқуқвайронкунии дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа содиршуда бо истинод ба меъёрҳои дахлдори қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки аз тарафи субъекти хоҷагидор вайрон карда шудааст;

-пуррагӣ ва инъикоси ҳамаи ҳолатҳои назаррас дар санади санҷиш, ки ба далелҳои вайронкунии қонунгузории соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа тааллуқ доранд. Ҳар як далели вайронкунии дар раванди санҷиш ошкоргардида пурра ва ҳаматарафа бояд омӯхта шавад. Ҳолатҳои

ҳуқуқвайронкунии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи дар санади санҷиш баёнгардида бояд ба натиҷаи санҷиши ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки бо далели овардашуда метавонанд алоқаманд бошанд, инчунин ба натиҷаи ҳамаи дигар амалҳои зарурӣ оид ба амалигардонии санҷиш асос ёбад. Дар санади санҷиш бояд инъикоси ҳамаи ҳолатҳои назарраси мансуб ба ҳуқуқвайронкуниҳои дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ошкоргардида таъмин гардад;

-возеҳият, мухтасарӣ ва фаҳмо будани баён, яъне ифодаи дар санади санҷиш мавҷудбуда бояд имконияти тафсири ҳархеларо истисно намояд, ифода бояд кӯтоҳ, возеҳ, фаҳмо ва пайдарҳам бошад;

-муназзамии баён, яъне вайронкуниҳои дар раванди санҷиш ошкоргардида бояд дар санади санҷиш бо қисмҳо, бандҳо ва зербандҳо вобаста ба хусусияти вайронкунӣ гурӯҳбандӣ карда шаванд.

33. Санад набояд дорои тахминкунии субъективии мақомоти санҷишии ба далелҳои корӣ асос наёфта бошад.

34. Қисми ҷамъбастии санади санҷиш (хулоса) бояд дорои маълумоти ҷамъбастӣ оид ба далелҳои ҳуқуқвайронкуниҳои муайянгардида, инчунин маълумот оид ба зарари дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардида ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлат расонидашуда бо истинод ба меъёрҳои дахлдори қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

35. Ба санади санҷиш замима карда мешаванд:

-Фармоиши баимзорасида оид ба гузаронидани санҷиш;

- номгӯи масъалаҳои назоратие, ки аз рӯи онҳо санҷиш гузаронида шудааст;

- хулосаи коршинос (агар ҷалб шуда бошад);

- нусхаи ҳуҷҷатҳо, ҳисобҳое, ки аз тарафи шахси мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа санҷиш гузаронида шудааст ва камбудии ошкоршударо тасдиқ менамоянд, маводи дигари зарурие, ки дар ҷараёни санҷиш гирифта ва тартиб дода шудааст оид ба камбудиҳои ошкоршуда.

36. Маълумоти дар санади санҷиш мавҷудбудае, ки ба сирри тиҷоратӣ (инчунин дигар маълумотҳое, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз гардидаанд) таалluқ дорад, аз ҷониби шахси мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки санҷишро гузаронидааст, ошкор карда намешавад, инчунин ба дигар мақомот ё шахсони сеюм, ба истисной ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дода намешавад.

## БОБИ 6. РАСМИЁТИ БАРРАСИИ ДОХИЛИИДОРАВИИ МУРОҶИАТҲОИ СУБЪЕКТИ ХОҶАГИДОР

37. Муроҷиатҳои субъектҳои хоҷагидор нисбати амал (беамалӣ) ва қарори дар ҷараёни гузаронидани санҷиш қабулнамудаи шахсони мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки санҷишро гузаронидаанд, бояд дар мақоми дахлдори санҷиши Агентӣ ва сохторҳои он дар маҳалҳо вобаста ба масъули санҷишкунанда қабул гардида, ба варақаи иттилоотӣ ворид ва бо роҳи додани рақами алоҳида барои ҳар як муроҷиат ба қайд гирифта шавад. Рад намудан аз қабули муроҷиат манъ аст.

38. Баррасии муроҷиатҳои субъектҳои хоҷагидор нисбати амал (беамалӣ) ва қарори дар ҷараёни гузаронидани санҷиш қабулнамудаи

шахсони мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки санҷишро гузаронидаанд, ройгон мебошад. Инчунин, муроҷиатҳои ба мақомоти санҷишӣ воридшуда аз ҷониби шахсони мансабдоре баррасӣ мегарданд, ки масъулият барои баррасӣ намудани чунин муроҷиатҳо ба онҳо вогузор карда шудааст.

39. Расмиёти баррасии дохилиидоравии муроҷиатҳои субъекти хоҷагидор дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар асоси қоидаҳо ва ҳуҷҷатҳои дохилии дахлдор, дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа қабул ва мавриди амал қарор доранд, муқаррар карда мешавад.

## БОБИ 7. РАСМИЁТ ОИД БА БАНАҚШАГИРӢ, ПЕШНИҲОДИ ИТТИЛОТ ВА МАШВАРАТ БА СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР

40.Агентӣ бо мақсади кам кардани хавф, бартараф намудани шароите, ки ба ҳуқуқвайронкунии имконпазир мусоидат мекунад, ба субъектҳои хоҷагидор то оғози санҷиш, дар ҷараёни санҷиш ва баъди анҷоми санҷиш оид ба масъалаҳои мутобиқати фаъолияти онҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа машваратҳо ва тавсияҳо медиҳад.

41.Пешниҳоди машварат ва тавсияҳо ба субъекти хоҷагидор аз ҷониби Агентӣ дар шаклҳои зерин сурат мегирад:

-пешниҳоди маълумоти умумие, ки дар сомонаи расмии Агентӣ ҷойгир карда мешавад, инчунин ба нашр расонидани раҳнамо ва дастурҳои методӣ оид ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияташон, китоб, брошюра ва овезаҳои иттилоотӣ;

-посухҳо ба саволҳои хаттию шифоҳии субъектҳои хоҷагидор тавассути телефон, дар шакли электронӣ ё ҳомили коғазӣ, ҳамчунин гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ.

42.Дар сомонаи Агентӣ иттилооти зерин бояд ҷойгир карда шавад:

-санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи шарту талабот нисбати фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ки мавриди санҷиш қарор мегиранд;

-нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷишҳо бо ҳамаи тағйироту иловаҳои ба онҳо ва номгӯи масъалаҳои назоратии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа;

-маълумот дар бораи ба гурӯҳи муайяни хавфнокӣ мансуб донистани субъекти хоҷагидор, инчунин асосноккунии ба ин гурӯҳи хавфнокӣ мансуб донистани он.

43.Иттилооту машваратҳои ба субъектҳои хоҷагидор пешниҳодшаванда бояд дар маҷмӯъ ба кам кардани миқдори ҳуқуқвайронкуниҳо, пешгирии содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳо ва кам кардани таваккали содир намудани онҳо равона карда шаванд. Иттилооту машваратҳои аз ҷониби масъулини Агентӣ, ки санҷишҳои соҳавӣ мегузаронад, ба субъектҳои хоҷагидор пешниҳодшаванда бояд аз нигоҳи ҳуқуқӣ асоснок, якхела, дақиқ ва фаҳмо бошанд.

44.Масъулини Агентӣ, ки гузаронидани санҷишҳои соҳавиро ба уҳда доранд, бояд ҳар сол гузаронидани чорабиниҳоро оид ба фаъолияти машваратдиҳӣ ба субъектҳои хоҷагидор, бо зикри мавзӯҳои барои онҳо нисбатан муҳим ба нақша гиранд, инчунин дар назди мақомоти болоӣ доир

ба шумораи машварату тавсияҳои ба субъектҳои хоҷагидор пешниҳодгардида, мунтазам ҳисобот диҳанд.

45.Агар субъекти хоҷагидор мутобиқи машварат ё тавсияи ба таври хаттӣ пешниҳоднамудаи мақомоти санҷишӣ амал карда истода бошад, субъекти хоҷагидор барои ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат накардани амалҳояш ба ҷавобгарӣ кашида намешавад, ба истисноӣ ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ.

## БОБИ 8. РАСМИЁТИ ГУЗАРОНИДАНИ БАҲОДИҲИИ ТАВАККАЛИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР ВА ТАҚСИМОТИ ОНҲО АЗ РӮИ ДАРАҶАИ ТАВАККАЛ

46. Агентӣ гузаронидани санҷишҳои соҳавиро вобаста ба дараҷаи таваккалнокиашон амалӣ менамояд. Ҳамчунин дараҷаи таваккали ҳар субъекти хоҷагидор дар асоси меъёрҳои арзёбии дараҷаи хавфнокии соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа вобаста ба ваколатҳо таҳия гардида, муайян карда мешавад.

47. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳуриии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» дараҷаи таваккали фаъолияти субъекти хоҷагидор бо дараҷаи таваккалии баланд, миёна ва паст муайян карда мешавад. Гурӯҳи субъектҳое, ки дараҷаи таваккалиашон баланд, на бояд аз 10 фоиз аз шумораи умумии субъектҳои санҷишшавандаи Агентӣ зиёд бошад.

## БОБИ 9. РАСМИЁТ ОИД БА БАРРАСИИ МУРОҶИАТҲО ВА ПЕШНИҲОДИ ИТТИЛООТИ ДИГАРИ АЗ ҶОНИБИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР ВОРИДШАВАНДА

48.Субъекти хоҷагидор метавонад нисбати амал (беамалӣ) ва қарорҳои дар ҷараёни гузаронидани санҷиш қабулкардаи шахсони мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки санҷишро гузаронидааст, тариқи судӣ, ё бо тартиби дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят намояд. Ҳамчунин, шикоятҳо аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор дар шакли хаттӣ, тавассути алоқаи почта, ҳангоми қабули шахсӣ тавассути номарасон ё бо тариқи сабт кардани ариза, шикоят ё пешниҳодоти худ дар дафтари аризаҳо ва шикоятҳои Агентӣ пешниҳод карда мешаванд.

49.Ба шикояте, ки аз номи субъекти хоҷагидор намояндаи қонунии ӯ пешниҳод менамояд, ваколатномаи субъекти хоҷагидор бо тартиби муқарранамудаи қонунгузорӣ замима карда мешавад.

50.Шикоятҳое, ки дар онҳо насаб, ном, номи падари соҳибкори инфиродӣ, ё номи пурраи шахси ҳуқуқӣ, суроғаи ҷойгиршавии ӯ, ё маълумоти дар онҳо дарҷгардида воқеият надорад, инчунин бе имзо пешниҳод гардидаанд, бе ном дониста шуда, баррасӣ карда намешаванд.

51.Иҷрои қарор аз натиҷаи санҷиши шахсони мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа то лаҳзаи қабули қарори дахлдор оид ба моҳияти шикоят боздошта мешавад. Дар баробари ин, роҳбари Агентӣ уҳдадор аст, ки шикоятро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, яке аз қарорҳои зеринро қабул намояд:

-қарорро бе тағйир ва шикоятро бе қаноат монад;

-қарорро пурра ё қисман бекор намояд;
-қарорро бекор карда, санҷиши иловагиро таъин намояд.
52. Санҷиши иловагӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳуриии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» гузаронида мешавад. Инчунин, шикоятҳои такрорӣ оид ба ҳамон як асос, ки аз рӯи он ҷавоб гирифта шудааст ва дорои ҳолатҳои нави ошкоргардида намебошанд, баррасӣ намегарданд.

## БОБИ 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

53. Баҳсҳо оид ба гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор вобаста ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби роҳбари Агентӣ ва ё суд ҳал карда мешаванд.
54. Шахсони мансабдори Агентӣ, ки санҷишҳоро мегузаронанд, барои вайрон кардани талаботи Қоидаҳои мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Замимаи 2
Бо Фармоиши Директори Агентии
суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа №84
аз «_17_»__ноябри__ соли 2017
тасдиқ карда шудааст.
Ҷ.М.

Шакли намунавии санади санҷишӣ, ки аз ҷониби шахсони масъули санҷишкунандаи соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа тартиб дода мешавад.

_______________________________________________________________

(номи мақоми санҷишӣ)

САНАДИ САНҶИШ

субъекти хоҷагидор аз «___» ______ соли 20__, №____

Санад мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор» тартиб дода шудааст.

1. Суроға/суроғаҳо: маҳалли гузаронидани санҷиш

2. Асос барои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор (қарор ё фармоиш) аз «___»______ соли20__, №___,

Нисбати санҷиши объекти санҷишшаванда (нақшавӣ, ғайринақшавӣ, иловагӣ, такрорӣ ва дархостӣ)

(Номи пурраи шахси ҳуқуқӣ, насаб, ном ва номи падари соҳибкор, субъекти хоҷагидори санҷишшуда, ном ва суроғаи воқеии ҷойгиршавии объекти гузаронидани санҷиш нишон дода мешавад) гузаронида шуд.

3.Санаи оғози санҷиш: «___»________соли 20__
Санаи анҷоми санҷиш: «___»_______соли 20__
Давомнокии умумии санҷиш:___________________(рӯзи корӣ/соат)

4.Шахсони мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ, ки санҷишро гузарониданд: (насаб, ном, номи падар, вазифаи ишғолнамуда)

5.Ҳангоми гузаронидани санҷиш иштирок доштанд: (насаб, ном, номи падар, вазифаи роҳбар, шахси дигари мансабдор ё намояндаи ваколатдори шахси ҳуқуқӣ, соҳибкор, ки ҳангоми гузаронидани чорабиниҳо оид ба санҷиш иштирокдошта қайд карда мешавад)

6.Санҷиши қаблии соҳавӣ кай ва аз ҷониби кадом шахси мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа гузаронида шудааст, кадом намуди қонуншиканиҳои соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ошкор карда шудааст ва ҳолати бартарафшавии он қайд карда мешавад.

7.Мавзӯи санҷиши гузаронидашуда:___________________________________________
_______________________________________________________________
_______________________________________________________________

(Лозимиаш қайд карда шавад)
-машваратдиҳӣ ба субъектҳои хоҷагидор оид ба масъалаҳои коҳиш додани таваккал ва амалигардонии фаъолияти онҳо мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва иҷрои чорабиниҳои дигаре, ки ба пешниҳоди иттилоот дар хусуси пешгирии риоя накардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ё дигари тааллуқдошта равона шудаанд;

-санҷиши мутобиқати фаъолияти субъекти хоҷагидор ба талаботи қонунгузории соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа;
-гузаронидани арзёбии иттилоот оид ба фаъолияти субъекти хоҷагидор, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дастрас гардидааст;
-мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ андешидани чораҳои таъсиррасонӣ нисбати субъектҳои хоҷагидор.

8.Дар ҷараёни гузаронидани санҷиш (натиҷаҳои санҷиши гузаронидашуда зикр карда мешавад)
-вайронкунии талаботи ҳатмии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин (бо зикри муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) ошкор карда шуд:
____________________________________________________________
____________________________________________________________
______________________________________ (дар ҳолати ошкор гардидани ҳуқуқвайронкунӣ, тавсифи муфассали он бо истинод ба меъёри дахлдори санади меъёрии ҳуқуқӣ зикр карда мешавад)
далелҳои иҷро нагардидани амрномаи мақомоти санҷишӣ (бо ишораи реквизитҳои амрномаи додашуда):
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
ҳуқуқвайронкунӣ ошкор гардид________________________________________
____________________________________________________________

9.Ҳуҷҷатҳои ба санад замимашаванда:____________________________________
____________________________________________________________
(ба санади тартибдодашуда нусхаҳои зарурии ҳуҷҷатҳо, ҳисоботҳои анҷомдодаи шахси мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки санҷишро гузаронидааст, номгӯи масъалаҳои назоратие, ки аз рӯи онҳо санҷиш гузаронида мешавад ва маводи дигаре, ки дар ҷараёни санҷиши гузаронидашуда ба даст оварда шудааст, замима карда мешаванд)

10.Санади мазкур дар ду нусха, ки дорои эътибори якхелаи ҳуқуқӣ мебошанд, тартиб дода шудааст.

Имзои шахсони (шахси) мансабдори соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки санҷишро гузаронидаанд (гузаронидааст):______________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
Бо санади санҷиш шинос шудам, нусхаи санадро бо тамоми замимаҳояш гирифтам:____________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
(насаб, ном, номи падар, вазифаи роҳбар, шахси дигари мансабдор ё намояндаи ваколатдори шахси ҳуқуқӣ, соҳибкор, намояндаи ваколатдори ӯ. Як нусхаи санади санҷишӣ ба субъекти хоҷагидор дар давоми панҷ рӯзи корӣ супорида мешавад)
«___»______соли 20__ ________________
(имзо)
Қайд дар бораи рад кардани шиносшавӣ бо санади санҷиш:

______________________________
(имзои шахси (шахсони)
мансабдори ваколатдоре,
ки санҷиш гузаронидааст (гузарнидаанд)
(Агар субъекти хоҷагидор гирифтани санҷишро рад намуда бошад, дар ин бора дар нусхаи санади санҷиш барои мақомоти санҷишӣ пешбинигардида қайд ворид намуда, он бо имзои шахси мансабдори мақоми санҷишӣ, ки санҷиши дахлдорро анҷом додааст, тасдиқ карда мешавад. Дар ин ҳолат санади санҷиш бо мактуби фармоишӣ ва огоҳинома ба субъекти хоҷагидор фиристода мешавад.)

Замимаи 3
Бо Фармоиши Директори Агентии
суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа №84
аз «_17_»__ноябри__ соли 2017
тасдиқ карда шудааст.
Ҷ.М.

Шакли намунавии Фармоиш дар бораи гузаронидани санҷиши нақшавии фаъолияти субъекти хоҷагидор дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа

Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

______________________________________________________________
(номи сохторҳои тобеъ, ки барои гузаронидани санҷиши нақшавӣ фармоиш додааст)

## ФАРМОИШ

дар бораи гузаронидани санҷиши нақшавии субъекти хоҷагидор

Дар асоси моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектиҳои хоҷагидор» аз 25 декабри соли 2015, №1269

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Мутобиқи нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳои нақшавӣ, ки «___»______соли 20__ тасдиқ шудааст, нисбати:

______________________________________________________________
(номи пурраи субъекти хоҷагидор-шахси ҳуқуқӣ, аз ҷумла шакли ташкилию ҳуқуқии он, насаб, ном, номи падари субъекти хоҷагидор – соҳибкори инфиродӣ, рақами ягонаи давлатӣ, РМА ва санаи бақайдгирии давлатии субъекти хоҷагидор)
санҷиши нақшавӣ гузаронида шавад.

